«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"
д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.
_______________
«___» ___03___ соли 2026

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илме, ки таҳқиқот иҷро шудааст.**

Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст, ки он ба Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ва бандҳои нишондодашудаи 10.1; 10,5; 10.6; 10.14;10.18 ва 10.21 мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамӣ ва муҳиммии мавзуи таҳқиқот.**

Дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, таҷдиди сохтории бахшҳои мухталифи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус бозори хизматрасониҳои бонкӣ, суръати тоза гирифт. Дар даврони соҳибистиқлолӣ истифодаи васеи технологияҳои нави бонкӣ ҳамчун фишанги асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар эътироф гардид.

Имрӯз тавсеаи бозори хизматрасониҳои молиявӣ омили калидии тақвияти иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Бо назардошти афзоиши талаботи аҳолӣ, таҳияи усулҳои муосири идоракунии хавфҳо ва коҳиш додани амалиётҳои хатарзо дар фаъолияти бонкӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад. Ислоҳоти сохторӣ дар ин самт баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва пешниҳоди хизматрасониҳои сатҳи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

Ҳамин тавр, муҳиммияти мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариши босуръати низоми молиявии кишвар ба иқтисодиёти рақамӣ, моделҳои анъанавии рақобатпазирии бонкҳои

тиҷоратӣ самаранокии худро гум мекунанд. Омӯзиши ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии ин раванд имкон медиҳад, ки роҳҳои нави стратегии рушди ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти амнияти молиявӣ ва дастрасии хизматрасониҳои инноватсионӣ барои аҳолӣ муайян карда шаванд

Таҳқиқоти иҷрошуда бо муҳтавои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМР) барои солҳои 2021-2025, Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ҳамоҳанг мебошад.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз муайян кардани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ иқтисодиёти рақамӣ иборат мебошад. Нуқтаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳолатҳои зерин ифода ёфтаанд:

1. Такмили асосҳои назариявию методологӣ: Мафҳум ва моҳияти «иқтисоди рақамӣ» ҳамчун омили стратегии рушди босуботи ташкилотҳои қарзӣ таҳқиқ шуда, принсипҳои асосии таъсири он ба фаъолияти бонкӣ ва иқтисоди миллӣ дар заминаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ асоснок карда шудааст.

2. Пешниҳоди консепсияи рақобатпазирии рақамӣ: Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир мушаххас гардида, он ҳамчун унсури фаъоли татбиқи технологияҳои молиявӣ ва фишанги асосии мутобиқшавии ташкилотҳои қарзӣ ба талаботи бозори рақамӣ шарҳ дода шудааст.

3. Арзёбӣ ва такмили механизмҳои фаъолият: Дар асоси таҳлили вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳои калидии таъсиррасон ба сатҳу сифати амалиёти бонкӣ муайян гардида, механизмҳои ташкилию иқтисодии такмили онҳо бо истифода аз технологияҳои муосир ошкор карда шудаанд.

4. Таҳияи модели инноватсионӣ ва тавсияҳои амалӣ: Модели татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар хизматрасониҳои бонкӣ таҳия шуда, маҷмуи тавсияҳои илман асоснок оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва мукаммал намудани нақши инноватсияҳо дар иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардидааст.

Бандҳои навгониҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, қабул ва истифодаи онҳо дар шароити иқтисодиёти барои ташкилотҳои қарзии ватанӣ аз манфиат холӣ нест.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии иқтисоди рақамӣ ҳамчун унсури калидии рушди ташкилотҳои қарзӣ, мушаххас намудани моҳияти ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар заминаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, арзёбии вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили механизмҳои фаъолияти онҳо дар шароити рақамикунонӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ баҳри тақвияти рақобатпазирии бонкҳо иборат мебошанд.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот.**

Муаллиф бо истифода аз усулҳо ва абзорҳои умумии илмӣ, аз ҷумла абстраксияи илмӣ, усулҳои муқоиса, таҳлили миқдорӣ, синтез ва равиши муқоисавӣ, таҳлили иқтисодию оморӣ, муқарраароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлилии Бонки милли, бонкҳои тиҷорати ва ташкилотҳои қарзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ, монографияҳо, инчунин, корҳои илмии олимони ватанию хориҷиро оид ба омӯзиши масъалаҳои ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ таҳқиқ намуда, пешниҳоду хулосаҳои асоснок ва хусусияти навгонидошта таҳия намудааст.

Бояд қайд намоем, ки дастгоҳи илмии таҳқиқот устувор буда, байни ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот алоқаи зич ҷой дорад. Навгониҳои илмие, ки муаллиф ба даст овардааст, тасдиқи фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд. Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро маълумотҳои дақиқи оморӣ, истифодаи маълумоти кофӣ оид ба ҷанбаҳои асоси баланбардори рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратироамали месозад.

**5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи мукаммалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва мақолаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқот иборат аст. Матни диссертатсия 178 саҳифаи чопиро дар бар гирифта, аз 22 ҷадвал, 18 расм иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар такя ба Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як бонки

тиҷоратӣ истифода ва амалисозии технологияҳои рақамӣ баҳри дастрасӣ ба бартариятҳои рақобатӣ мебошад (саҳ. 3-6).

Қисмати муқаддимаи таҳқиқот инчунин мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявию методологӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, навгонии илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, инчунин дигар ҷиҳатҳоро дар бар мегирад (саҳ. 5-14).

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ»** унвон гирифтааст. Дар ин қисмати таҳқиқот (саҳ.15-61). Зеро ҳангоми баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар хубтар гардида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва давлат таъмин мегардад, таҳқиқ шудааст.

Дар зербоби 1.1.(саҳ. 14-28) оид ба масъалаи ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун раванди нав дар шароити имрӯза аз тарафи олимони ватанӣ ба монанди Абдуллоев А.Б, Ашуров Ғ.Д., Ашуров Н., Бердиев Р.Б., Ғаниев Р.Г., Ғаюров Ғ.Ҳ., Досиев М.Н., Мирзоев С.С, Саидмуродов Л.Ҳ., Сайфуллозода С., Улуғхоҷаева Х.Р., Умаров Ҳ.У., Хайрзода Ш.Қ., Холаҳмади С., Холматов М.М., Ҳаёев Қ.А., Ҷабборов А. ва инчунин нуқтаи назари муаллифони хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Баъдан, дар матни ин зербоб (саҳ.16-17, расми 1.1.) вобаста ба муҳиммияти иқтисодиёти рақамӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ асосҳои назариявӣ ва методологии рушди онро омӯхта, аҳаммиятнокӣ ва роҳҳои афзоиши технологияи муосирро пешниҳод кардааст (саҳ.17-18, расми 1.2.) ва амсилаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ (саҳ. 19, расми 1.3.) таҳия, баъзе мушкилоти соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ нишон дода шудаанд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ маълум мекунад, ки истифодаи самараноки техникаи компютерӣ барои таҳия, нигоҳдорӣ ва интиқоли ҳуҷҷатҳо боиси рушди иқтисодиёти рақамӣ гардида, дар ҳолати нодуруст истифода бурдан ва надоштани ҳамаи барномаҳои лозимӣ дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ мушкилот эҷод мегардад.(саҳ.19, расми 1.3.).

Дар зербоби 1.2 (саҳ.29-44) асосҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои арзёбии он дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ (ҷадвали 1.2.) омӯхта, нуқтаи назари баъзе олимони ватанию

хориҷӣ оид ба мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ (саҳ. 25.) таҳқиқ шудааст. Дар марҳилаи кунунӣ яке аз хусусиятҳои муҳимми рақобати байнибонкӣ аз он иборат аст, ки рушди он бояд дар доираи татбиқи низоми танзими рақобати байнибонкӣ дар сатҳи зарурӣ ва махсус муқаррар карда шавад. Хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкиро муаллиф дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ дар ҷадвали 1.3 пешниҳод намудааст (ҷадвали 1.3,саҳ.31). Хусусиятҳои хоси рақобати байнибонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамиро нишон додааст.

Зербоби 1.3 (саҳ. 44-59) ба таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аз нуқтаи назари иқтисодчиён бахшида шуда, оид ба низоми бонкӣ ва хизматрасониҳои муосири бонкӣ аксари олимони машҳури илми иқтисодӣ ҳамчун категорияи рушди иқтисодӣ таҳлилҳо гузаронидаанд, ба монанди А. Эгноватов, А.Р. Алшина, Р.А. Кох, С. Питер, И.Г. Балабанов, П. Самуэлсон, М.А. Пессел, Н. И. Валентсева, В.Е Черкасов,И.Д. Мамонова, Ю.С. Масленченков, Г.С. Панова, В.Т. Севрук, Н.Э. Соколинская, Э.А. Уткин, Ж. Матук ва дигарон мебошанд. Дар шароити рушди босуръати иқтисодиёти ҷаҳони муосир дар тамоми соҳаҳо, махсусан, соҳаи бонкдорӣ марҳила ба марҳила рақобат шадидтар шуда, ба рушди минбаъдаи онҳо такони сахте ворид намудааст. Бо дарназардошти ин, муаллиф таъкид бар он кардааст, ки бояд бонкҳои тиҷоратӣ ва тамоми ташкилотҳои қарзии мамлакат пайваста такмил дода шаванд ва ба шароити тағйирёбандаи бозор молиявӣ мутобиқ гардонида шаванд.

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ»** (саҳ. 62-108), қайд шудааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ бонкҳо, асосан, дар шакли дузинагӣ амал мекунанд, ки дар зинаи якум Бонки миллӣ ва дар зинаи дуюм бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ меистанд. Сабаби ташкили низоми бонкии дузинагӣ ба характери ихтилофӣ доштани муносибатҳои бозаргонӣ вобаста аст.

Зербоби 2.1. (саҳ. 62-78) ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таҳлил намудааст. Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ)-зинаи асосии низоми бонкӣ ва моликияти давлатӣ маҳсуб ёфта, байни давлат ва иқтисодиёт накши миёнаравро иҷро менамояд. БМТ дар фаъолияти худ манфиати умумимиллиро ҳимоя карда, сиёсати худро на ба фоидаи ин ё он минтақа ё соҳаи алоҳидаи хоҷагии халқ,балки ба манфиати ҷомеа равона

месозад Дар амалия маълум гардид, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба навъҳои зерин тақсим мешаванд;

✓ умумӣ (универсалӣ)-тамоми амалиётҳои бонкиро мегузаронанд;

✓махсусгардонидашуда-танҳо қисме аз амалиётҳои бонкиро мегузаронанд.

Зербоби 2.2. (саҳ. 78-94) ба арзёбии ҳолати кунунии ташкилотҳои қарзии хурд ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудааст. Ташкилоти амонатии қарзии хурд бояд тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» оид ба кафолат додани амонатҳои шахсони воқеие, ки ҷалб менамояд, амалӣ намоянд. Бо мақсади дастгирии устувории низоми пулию қарзии ҶТ, таъмини рушди босуботи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, инчунин, ҳимояи манфиатҳои амонатгузорони онҳо БМТ дар доираи салоҳияти худ фаъолияти ТАҚХ-ро таҳти назорат қарор дода, ба низом медарорад.

Дар зербоби 2.3. (саҳ. 94-108) милҳои таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир таҳқиқ шудаанд. Қобили зикр аст, ки дар ин росто, таҳлили омилҳои дохилии ба бозори хизматрасонии қарзии бонкӣ таъсиркунанда таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад. Чунки омилҳои дохилӣ аз фаъолияти муштариён ва ҳам кормандони бонк вобаста буда, ба вазъи бозор бевосита таъсири худро расонида метавонанд. амчунин, месазад қайд намуд, ки яке аз омилҳои дигари ба вазъи хизматрасонии қарзии бонкӣ ва рақобатпазирии он таъсиркунанда хароҷоти амалиётии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба шумор меравад.

**Боби сеюми таҳқиқот (саҳ. 109-146) ба такмилдиҳии механизмҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ** нигаронида шудааст. Муҳаққиқ дар ин боб қайд кардааст, ки воқеан ҳам, танзими давлатии фаъолияти бонкӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкилотҳои қарзӣ нақши муассир дорад. Танҳо танзими давлатӣ метавонад ҳифзи ҳуқуқи муштариёнро таъмин намуда, ба риояи тартиботи устувори қонун дар бахши бонкӣ, мусоидат намояд.

Зербоби 3.1 (саҳ. 109-122) такмили самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифтааст. Муаллиф қайд намудааст, ки асоси танзими давлатиро дар Тоҷикистон Конститутсия ва қонунгузории ҷорӣ ташкил медиҳад. Давлат тавассути фишангҳои ҳуқуқӣ фаъолияти корхонаҳо, тартиби бастани созишномаҳо ва ҳифзи амволи соҳибкоронро назорат мекунад. Дар баробари ин, санадҳои

меъёрӣ раванди ҳалли баҳсҳои судӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва меъёрҳои ахлоқии савдоро муайян намуда, фазои солими иқтисодиро таъмин менамоянд.

Дар зербоби 3.2 (саҳ. 122-134) муаллиф роҳҳои татбиқи технологияҳои муосири инноватсиониро дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ омӯхтааст. Тибқи андешаи олимони соҳаи технологияҳои инноватсионӣ, таҷдиди фаъолияти бонкӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионии интернет-банкинг ва телефон-банкинг ҳам барои худи бонкҳо ва ҳам барои муштариёни онҳо як қатор афзалиятҳо дорад. Мутаносибан, муштариёни эҳтимолӣ ҳангоми интихоби бонк барои хизматрасонӣ имкони дастрасии фосилавӣ ба сифати хизматрасонии бонкиро низ ба назар мегиранд. Набудани чунин хизматрасониҳо дар бонки тиҷоратӣ метавонад боиси камшудани шумораи муштариёни мавҷуда ва аз даст додани бартариятҳои рақобатӣ дар бозори молиявӣ гардад.

Дар зербоби 3.3 (саҳ.134-146) роҳҳои такмили механизмҳои асосии идоракунии бехатари ииқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ таҳқиқ шудаанд. Қобили зикр аст, ки бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи низоми бехатарии иқтисодӣ ва таҳияи методологияи самараноки идоракунӣ ҷузъҳои дар боло зикргардида ба рушди низоми амнияти иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

**Хулоса ва пешниҳод (саҳ. 147-151)** натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар бар мегиранд. Хулосаю пешниҳодҳои муаллифи таҳқиқот аз натиҷаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия муайянгардида бар меоянд ва онҳо ба ҳадафу навгониҳо ҳамоҳанг мебошанд.

**6. Эродҳо оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, кор аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ орӣ нест. Аз ҷумла:

1. Дар ҷадвали 1.2 (саҳ. 25) ҳангоми баррасии консепсияҳои «иқтисоди рақамӣ», ба мақсад мувофиқ мебуд, ки доираи истифодаи ақидаҳои олимони ватанӣ васеъ карда шуда, хусусиятҳои миллии ин раванд бештар инъикос ёбад.

2. Барои амиқтар нишон додани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирӣ, хуб мешуд, ки муаллиф фаъолияти як ташкилоти қарзии мушаххасро ҳамчун мисоли амалӣ мавриди таҳлили муфассал қарор медод.

3. Маълумотҳои омории ҷадвалҳо на дар ҳама ҳолат давраи ягонаи вақтро фаро мегиранд. Риояи принсипи ягонагии давраи таҳлил барои

муайян кардани тамоюлҳои воқеӣ ва омилҳои таъсиррасон зарур арзёбӣ мегардад.

4. Барои оптимизатсияи ҷадвалҳои муқоисавӣ, масалан, дар ҷадвали 2.2 ҳангоми таҳлили сифати сандуқи қарзӣ, беҳтар мебуд, ки ба ташкилотҳои қарзии пешсаф ва нишондиҳандаҳои болотарин дошта таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд.

5. Дар ҷадвали 2.12 (саҳ. 88) оид ба инфрасохтори пардохтӣ, хуб мешуд, ки сабабҳои дар сатҳи сифр қарор доштани нишондиҳандаҳои баъзе бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ аз нуқтаи назари илмӣ шарҳ дода мешуданд.

**Хулоса:** Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва онҳо дараҷаи илмӣ ва арзиши диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани тавсияҳои болозикр метавонад ҷиҳати такмили равишҳои методӣ, устуворгардонии ҳисобҳои таҳлилии таҳқиқот ва эътимоднокии хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия мусоидат намояд.

**7. Тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Дар самти мавзуи диссертатсия 11 адад мақолаи илмӣ нашр шудааст, ки 3 адади он дар журналҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Натиҷаҳо ва ҷанбаҳои асосии кори диссертатсионии тақризшаванда дар конфронсҳои илмии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ давоми солҳои 2024-2025 баррасӣ ва муҳокима гардидаанд. Интишороти муаллифи таҳқиқот ба диссертатсия мутобиқ буда, мазмун ва мундариҷаи онро ифода менамоянд.

**8. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.** Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия шуда, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.**

Аз рӯи санадҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Шарипов Некрӯз Гадомадович бармеояд, ки тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш - «номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз» мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд.

**10. Хулосаи умумӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст ва дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи « Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» ба Шиносномаи номгӯйи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида мебошад ва ба талаботи бандҳои 14 ва 15-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

**Тақризро омода намуд:** н.и.и., Сафаров С.З. дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шуд.

Суратҷаласаи кафедра №8 аз 03 марти соли 2026.

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ иштирок доштанд: 15 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 15 нафар.

Овоз доданд: тарафдор 15 нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа,**
Доктор PhD, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав — Шамсов Ҷ.И

**Ташхисгар,**
н.и.и., омӯзгори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав — Сафаров С.З.

**Котиби ҷаласа,**
н.и.и., дотсени кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав — Расулзода Д.Б.

*Имзоҳои Шамсов Ҷ.И., Сафаров С.З. ва Расулзода Д.Б.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав — Нажмидинов М.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон, 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53, E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*